***УДК 94 (100)***
***DOI 10.24412/2413-2004-2023-3-35-43***

***ИНЪИКОСИ ТАЪРИХИ БАРМАКИЁН ДАР ОСОРИ АКАДЕМИК В.В.БАРТОЛД***

***Ҳамза Камол (Камолов Ҳамзахон Шарифович),*** *д.и.т., профессор, мудири шуъбаи таърихи қадим ва асрҳои миёнаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ;* ***Ниёзова Азиза Ӯктамовна,*** *унвонҷӯи институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ, ассистенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Душанбе, Тоҷикистон)*

***ОТРАЖЕНИЕ ИСТОРИИ БАРМАКИДОВ В ТРУДАХ АКАДЕМИКА В.В. БАРТОЛЬДА***

***Хамза Камол (Камолов Хамзахон Шарифович),*** *д-р истор. наук, профессор, завотделом древней, средневековой и новой истории Института истории, археологии и этнографии имени А.Дониша НАНТ;* ***Ниязова Азиза Уктамовна****, соискатель Института истории, археологии и этнографии имени А.Дониша, ассистент кафедры политологии ТГУПБП (Душанбе, Таджикистан)*

***REFLECTION OF THE HISTORY OF THE BARMAKIDS IN THE WORKS OF ACADEMICIAN V. V. BARTOLD***

***Hamza Kamol (Kamolov Khamzakhon Sharifovich)*** *Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Department of Ancient, Medieval and Modern History A.Donish Institute of History, Archeology and Ethnography NAST;* ***Niyozova Aziza Uktamovna****, researcher of Institute of History, Archeology and Ethnography named after Ahmadi Donish, assistant at the department of political science, TSULBP, (Dushanbe, Tajikistan)* ***e-mail:*** *Aziza670302@mail.ru*

*Нақши ховаршиноси маъруф, академик В.В.Бартолдро дар омӯзиши таърихи Бармакиён арзёбӣ гардида, ин олим яке аз аввалин муҳаққиқони таҳқиқи таърихи ин хонадон дар аҳди Шӯравӣ маҳсуб шудааст. Академик В.В.Бартолд хонадони Бармакиёнро аз форсиён (тоҷикон)-и Балх медонад, ки аз аҳди бостон муқими Хуросон буда, дар маъбади Навбаҳори Балх насл ба насл хидмат намуда, дар замони ислом дар эҳёи суннатҳои бостонии эрониён талошҳо карда, дар идораи хилофати Бағдод дар нимаи дувуми асри VIII усули девондории Сосониёнро татбиқ намуданд. Роҷеъ ба маъбади Навбаҳор дар Балх академик В.В.Бартолд назари хоси худро дорад ва бо такя ба ахбори манобеи таърихӣ, ба хусус ба ахбори Ибни Фақеҳ ва роҳиби хитоӣ Сюань Цзан муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки ин маъбади буддоиён будааст. Ба назари В.В.Бартолд эрониён, ки ба дунболи пайванди хонаводаи муҳтарами эрониасл, яъне Бармакиён бо суннатҳои подшоҳони Сосонӣ буданд, бинобар ин маъбади буддоии Навбаҳорро оташкадаи зардуштӣ гуфтанд; бунёди ин маъбадро ба подшоҳони эронии даврони бостон нисбат дода, вазирони давлати Сосониёнро аз насли роҳибони бузурги он эълон доштанд. В.В.Бартолд дар мақолаҳои худ, ки ба таърих, сиёсат, иқтисод ва фарҳанги Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон бахшидааст, бо паймонаҳои каму беш аз хонадони Бармакӣ ёд намуда, ба ин восита дар ибтидои асри XX дар таърихнигории аҳди Шӯравӣ ба омӯзиши таърихи Бармакиён асос мегузорад.*

***Калидвожаҳо**: В.В. Бартолд, Бармакиён, Сосониён, Сомониён, Холиди Бармакӣ, Яҳёи Бармакӣ, Фазли Бармакӣ, Ҷаъфари Бармакӣ, Ҳорунуррашид, Балх, Навбаҳор, Багдод, Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон, аҳди Шӯравӣ*

*Оценивается роль известного востоковеда академика В.В. Бартольда в изучении истории Бармакидов, отмечается, что этот ученый был одним из первых исследователей, изучавших историю этой династии в советское время. Академик В.В. Бартольд считает род Бармакидов выходцем из персов (таджиков) Балха, которые издревле проживали в Хорасане и из поколения в поколение служили в храме Навбахар в Балхе, а во времена ислама прилагали усилия по возрождению древних традиций Ирана. Во второй половине VIII века в управлении Багдадским халифатом они применяли сасанидский метод правления. Академик В.В. Бартольд имеет свое мнение о храме Навбахар в Балхе, и, опираясь на сведения из исторических источников, особенно на сведения ибн Факиха и китайского монаха Сюань Цзана, приходит к выводу, что это был буддийский храм. По мнению В.В. Бартольда, иранцы, прослеживая связь уважаемого рода иранского происхождения, т.е. Бармакидов, с традициями сасанидских царей, называли буддийский храм Навбахар зороастрийской святыней; строительство этого храма приписывалось иранским царям древности, а министры Сасанидского государства объявлялись потомками его великих монахов. В своих статьях по истории, политике, экономике и культуре Мавераннахра, Хорасана и Ирана В.В. Бартольд в той или иной степени упоминал династию Бармакидов, тем самым заложив основу для изучения истории Бармакидов в историографии Советского Союза на заре XX века.*

***Ключевые слова**: В.В. Бартольд, Бармакиды, Сасаниды, Саманиды, Халид Бармакид, Яхья Бармакид, Фазл Бармакид, Джаъфар Бармакид, Харун ар-Рашид, Балх, Навбахар, Багдад, Мавераннахр, Хорасан, Иран, советская эпоха*

*The article reviews the key role of the well-known orientalist, academician V. V. Bartold in the study of the Barmakids history, and considers this scientist one of the first researchers to study the history of this dynasty in the Soviet period. Academician V.V. Bartold considers the Barmakid's dynasty to come from the Persians (Tajiks) of Balkh, who lived in Khorasan from ancient times, and from generation to generation they worshipped in Navbahar temple in Balkh. They made efforts to revive the ancient traditions of Iran during Islamic period and in the second half of the 8th century during the rule of Baghdad reign (caliphate), they applied the method of the Sassanids government. Regarding the temple of Navbahar in Balkh, academician V. V. Bartold has his own opinion and based on the information of historical sources, especially the information of Ibn Faqih and the Chinese monk Xuan Zang, the researcher comes to the conclusion that this was a Buddhist temple. According to V. V. Bartold, the Iranians, who were following the connection of the respected family of Iranian origin, i.e. the Barmakids, with the traditions of the Sassanid kings, therefore called the Navbahar Buddhist temple a Zoroastrian shrine; the construction of this temple was attributed to the Iranian kings of the ancient era, and the ministers of the Sasanian state were declared to be descendants of its great monks. V.V. Bartold mentioned at some level about the Barmakids dynasty in his articles devoted to the history, politics, economy, and culture of Eastern Khorasan and Iran, and in this way, he had put the basis for the study of the history of the Barmakids in the historiography of the Soviet period at the beginning of the 20th century.*

***Keywords**: V.V. Barthold, Barmakids, Sassanids, Somanids, Khalid Barmaki, Yahya Barmaki, Fazli Barmaki, Jafar Barmaki, Harun-ar- Rashid, Balkh, Navbahar, Baghdad, Maverannahr, Khorasan, Iran, Soviet Union*

Ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Бармакиён дар таърихнигории замони Шуравӣ дар ибтидои асри бистум таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Дар ин давра академик В.В.Бартолд дар омӯзиши таърихи сулолаи Бармакиён сабқатро аз дигарон гирифта, бо такя бо манобеи таърихӣ, нақши ин хонадонро дар умури идораи хилофати Бағдод баён намуд. Ин ховаршиноси варзида ҷойгоҳи Бармакиёнро дар эҳёи суннатҳои бостонии эрониён муҳим дониста, барои тайиди суханҳои худ дар мақолааш «Шуубияи форсӣ ва илми муосир» аз ховаршиноси даниягӣ, муҳаққиқи таърих ва адабиёти Эрони қадим ва асримиёнагӣ Артур Кристенсен (1875-1945), ки давраи Бармакиёнро «эҳёи суннатҳои бостонӣ дар асилтарин шакли онҳо» медонад, иқтибос меоварад [14, с.361].

Аммо бо неру гирифтани бархӯрдҳои манфӣ нисбат ба табақаи ҳукмрони замонҳои гузашта дар сиёсати давлати Шуравӣ, мутаассифона дар таърихнигории ин замон баъди солҳои 40-ум омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Бармакиён ба далели хидмат кардани намояндагони ин хонадон дар хилофати Аббосӣ нодида гирифта мешавад ва ин раванд то суқути давлати Шуравӣ идома пайдо мекунад.

В.В.Бартолд дар мақолаҳои худ, ки ба таърих, сиёсат, иқтисод ва фарҳанги Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон бахшидааст, бо паймонаҳои каму беш аз хонадони Бармакӣ ёд намуда, дар «Энсиклопедияи ислом» дар бораи Бармакиён мақолаи вижае менависад [13, с.669-674]. Дар ин мақола муҳаққиқ хонадони Бармакиёнро аз форсиён (тоҷикон) медонад, ки аз аҳди бостон муқими Балх буда, дар маъбади Навбаҳор насл ба насл хидмат намудаанд [13, с.669]. Аммо ба ин сухани Низомулмулк, ки Бармакиён худро ҷойнишинони мустақими Бузургмеҳр ва дигар давлатмардони нимаустураии асри Сосониён медонистанд, академик В.В.Бартолд бо назари шакк менигарад [7, с.255].

В.В. Бартолд хатти мувозие миёни хонадони Бармакиён ва дудмони Сомониён кашида, дар мавриди шабоҳатҳои онҳо, менависад: «Хонаводаи Бармакиён, вазирони соҳибихтиёр дар замони халифаҳои аввали Аббосӣ аз Балх буданд ва Сомониён, ки дар асри IX вилоятҳои муайянеро аз халифа барои идора намудан дарёфт карданд ва аз соли 900 ба баъд амирони тамоми Хуросон шуданд, низ аз Балх буданд, ки нишондиҳандаи аҳаммияти ин мантақа дар миёни дигарон аст. Бармак, ҷадди Бармакиён ва Сомонхудот ҷадди Сомониён дар замони фармондори Хуросон Асад пешравӣ карданд» [8, с.119].

Дар ин иртибот дар мақолаи дигараш муҳаққиқ менависад, ки «Ҳар ду хонаводае, ки (Бармакиён ва Сомониён) эҳёи суннатҳои Сосониро ба онҳо нисбат медиҳанд, аз ноҳияе (яъне Балх) буданд, ки эҳтимолан Сосониён фақат барои муддати кӯтоҳе дар он ҳукмрон буданд ва зардуштия дар ин ҷо ҳаргиз ба унвони дини давлатӣ ба расмият шинохта нашуд» [14, 367]. Дар ин иртибот академик В.В.Бартолд дар мақолаи дигараш ба ин назар аст, ки «Ҳар ду хонавода (Бармакиён ва Сомониён) аз манотиқе (яъне Балх) буданд, ки ҳаргиз бахше аз давлати Сосониён набуд ва дар он замон – дар даврони истилои мусулмонон на зартуштия, балки дини буддоӣ ҳоким буд» [15, с.372].

Бояд гуфт, ки Балх ва навоҳии атрофии он дар асрҳои IV-V зоҳиран тобеи Сосониён буданд. Дар ин замон зарби сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ низ гувоҳи густариши дини зардуштӣ дар ин ҷост. Аммо масъалаи дини давлатии Бохтар-Тахористон печидатар ба назар мерасад. Дар ҳар сурат паҳншавии густурдаи дини буддоӣ дар ин мантақа, ки онро таҳқиқоти донишмандон исбот кардааст, ба ҳеҷ ваҷҳ дар ин ва ё он шакл мавҷуд будани дини зардуширо дар ин ҷо истисно намекунад.

Дар хусуси вожаи «бармак» академик В.В.Бартолд ибрози назар карда, менависад, ки ин вожа чунон ки гузориш шуда, ба маънои номи шахс набуда, балки манзур мақоми коҳини бузург дар маъбади Навбаҳор аст, ки онро ба мерос мегирифт [13, с.669].

Дар бораи маъбади Навбаҳор ва рисолати он дар дарозои таърих В.В.Бартолд сухан ронда, чунин мешуморад, ки Бармакиён соҳиби заминҳои мутааллиқ ба маъбади Навбаҳор буданд ва ин амлок зоҳиран масоҳате дар ҳудуди 8 фарсах тӯл ва 4 фарсах арз, баробар ба 1568 км мураббаъро ташкил дода, бо такя ба ахбори Ибни Фақеҳ ва роҳиби хитоӣ Сюань Цзан муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки ин маъбад марбут ба буддоиён будааст [13, с.669; 6, с.127-128; 14, с.367].

Ахбори мухталифи сарчашмаҳои таърихӣ роҷеъ ба ин ки ба чи дине Навбаҳор марбут аст, муҳаққиқонро ба сардаргумӣ оварда буд. Абулфайзи Байҳақӣ Навбаҳорро маъбади буддоӣ [4, с.349], Низомулмулк [19, с.174], муаллифи номаълуми рисолаи «Муҷмалу-т-таворих» (соли навиштани ин асар 520 ҳ.қ./1126) [18, с.51] ва Хондамир оташкада ном мебаранд [17, с.232].

Ба назари В.В.Бартольд эрониён, ки ба дунболи пайванди хонаводаи муҳтарами эрониасл, яъне Бармакиён бо суннатҳои подшоҳони Сосонӣ буданд, бинобар ин маъбади буддоии Навбаҳорро оташкадаи зардуштӣ гуфтанд, бунёди ин маъбадро ба подшоҳони эронии даврони бостон нисбат дода, вазирони давлати Сосониёнро аз насли коҳинони бузурги он эълон доштанд [13, с.669].

Дар бораи сарсилсилаи ин хонавода, ки дар манобеи таърихӣ бо номи Бармак ёд шудааст, В.В.Бартолд чунин ибрози назар мекунад, ки аз сарнавишти Бармак, падари Холид ва пешиниёни ин хонадон хабарҳои афсонавӣ вуҷуд доранд ва ба ахбори Ибни Халликон такя намуда, зикр менамояд, ки ҳатто ин таърихнавис наметавонист собит кунад, ки оё Бармак исломро пазируфта буд ё не [13, 670]. Аммо дар матолиби зер, ки дар ҳамин мақола овардааст, ба Бармак шахсияти воқеӣ қоил аст ва аз робитаи ӯ бо халифаҳои араб мегӯяд. Ба нақл аз Табарӣ муҳаққиқ таъйид мекунад, ки падари Холид, Бармак ҳам дар толеъбинӣ (астрология) ва фалсафа ва ҳам дар пизишкӣ мусаллат буд ва шоҳзода Маслам ибни Абдулмаликро аз кадом беморие шифо бахшид. «Ин охирин далел баёнгари он аст, ки, -менигорад В.В.Бартолд, -Бармак аз ватани худ ба қасри халифаҳо нақли макон кард; аммо бар асоси ахбори баъдӣ ин амр замоне иттифоқ афтод, ки Абдулмалик дар ҳамон соли 86 ҳ.қ./705 даргузашт ва баъдҳо Бармак зоҳиран ба ватани худ баргашт ва гузориш шудааст (аз Табарӣ), ки вай дар соли 107 ҳ.қ./725-26 ба дастури волӣ Асад ибни Абдуллоҳ шаҳри вайроншудаи Балхро бозсозӣ кард» [13, 670].

Академик В.В. Бартолд дар ду мақолаи дигари худ низ аз шахсияти воқеӣ будани Бармак ибрози андеша мекунад. «Шаҳри Балх ва маъбади Навбаҳорро, -менависад В.В.Бартолд, - дар замони халифаи севум Усмон ибни Аффон ва бар асоси ахбори дигар дар аҳди Муовия вайрон карданд. Аъроб дар маҳалли Барукон, ду фарсах аз Балх шаҳри наве бино карданд; танҳо дар соли 107 ҳ.қ./725 волӣ (-и Хуросон) Асад ибни Абдуллоҳ шаҳрро ба ҷойи аслии худ бозгардонд ва ин корро ба намояндагони хонадони Бармакиён супурд» [6, 127-128]. Дар идомаи мантиқии ин суханҳо В.В.Бартолд дар мақолаи дигари хеш менависад, ки Бармак ба дастури Асад Балхро, ки дар чараёни футуҳоти аъроб вайрон шуда буд, бозсозӣ кард ва сокинони шаҳри Боруконро, ки тавассути арабҳо бино шуда буд, ба он кӯч дод. Ин амал, менигорад муаллиф, -«шояд танҳо ягона намуна дар таърихи ислом бошад, ки шаҳри тавассути мусулмонон сохташуда (яъне Барукон), барои бозсозии шаҳри то мусулмонӣ (яъне Балх) раҳо шуд. Мушаххас аст, ки чунин пирӯзии фарҳанги мағлуб бар фотеҳон дақиқан дар бахше аз Эрон, ки дини буддоиро парастиш менамуданд, ҳосил шуд» [8, 119].

Роҷеъ ба савонеҳи ҳоли Холиди Бармакӣ, ки ӯ сароғози фаъолияти хонадони Бармакӣ дар аҳди ислом мегардад, В.В.Бартольд аз Ибни Фақеҳ далел оварда, модари ӯро духтари шоҳзодаи Чағониён зикр мекунад [13, 670] ва менависад, ки ба ҳамон андозае, ки аз падари

Холид, Бармак иттилои кам дорем, ба ҳамон андоза дар мавриди солҳои ҷавонӣ ва таҳсили Холид ахбор дорем ва идома медиҳад, ки ҳамчунин аз замон ва чигунагии ҷалби таваҷҷуҳи халифа Абулаббос нисбат ба Холид чизе гузориш нашудааст [13, 670]. «Ӯ (Холид) чунон ба халифа наздик шуд, ки духтари Холидро ҳамсари халифа шир медод ва духтари халифаро ҳамсари Холид», -менависад В.В.Бартолд бо такя ба ахбори Табарӣ [13, 670]. Аммо ин ривоятро ҳамин Табарӣ ва дигар муаррихон ба кӯдакии Фазл, писари Яҳёи Бармакӣ ва Хоруннуррашид, писари Мансури Аббосӣ иртибот медиҳанд, ки он бештар воқеият дорад: «Модари Фазл, Зайнаб духтари Мунир дояи Рашид шуд аз шири Фазл. Ва Хайзурон (ҳамсари Мансури Аббосӣ) Фазлро аз шири Рашид шир дод» [5, 4598]. Балъамӣ низ мегӯяд, ки модари Фазл Рашидро шир дода буд [2, 1536].

Дар идомаи баёни ахбор дар бораи Холиди Бармакӣ В.В.Бартолд гузориш медиҳад, ки аз соли 132 ҳ.қ./749-50 Холид раиси девони хироҷи Аббосиён буд ва дар баъзе манобеъ ӯро вазир низ ном мебаранд. «Холид зоҳиран аввалин котиб буд, ки ин мақом ба мартабаи вазир баробар буд» [13, 670].

Дар сифоти шахсии Холид ин шарқшиноси маъруф менависад, ки Холид, ки ҳатто вазир, ба маънии баъдии ин калима набуд, на танҳо бо мудирияти моҳирона ва насиҳатҳои хирадмандонааш, балки бо корнамоиҳои низомиаш фарқ мекард. Ба фармондеҳии Абумуслим ва сипаҳсолори ӯ Қаҳтаба ибни Шабиб Холид дар набардҳои Аббосиён бо Бани Умия ширкат карда, байни солҳои 148 ҳ.қ./765 ва 152/769 вай ба унвони волии Табаристон ба ҳукумати Масмугон дар кӯҳи Дамованд поён дод. Пас аз ин пирӯзӣ сокинони Табаристон тасвири Холид ва силоҳҳои муҳосиравие, ки ӯ дар ин ҷанг истифода карда буд, дар сипарҳои худ кашиданд. Ӯ ҳатто дар синни пирӣ дар соли 163 ҳ.қ./779-80 дар тасарруфи қалъаи Самолу қаҳрамонӣ намуд. Андаке пеш аз маргаш халифаи Аббосӣ Мансур Холидро ба вазифаи фармондори Мавсил ва писараш Яҳёро ҳокими Озарбойҷон таъйин намуд. Мардуми Мавсил бо ҳеҷ ҳокиме монанди Холид рафтори муҳтарамона надоштанд ва аз назари сифоти барҷаста ҳеҷ яке аз фарзандон ва наберагонаш бо ӯ баробар набуд [13, 671].

Дар бораи писари Холид, Яҳёи Бармакӣ, ки дар муборизоти хонаводагии Аббосиён барои соҳиб шудан ба хилофат мустақиман ширкат намуда, Ҳорунуррашидро ба сари қудрати хилофат овард, академик В.В.Бартолд низ ба таври мухтасар, бо такя ба ахбори Табарӣ, Балозурӣ ва Ибни Халликон маълумот медиҳад. «Писари ӯ Яҳё, -зикр мекунад В.В.Бартолд, -ба ривояти Ибни Халликон 3 муҳаррами соли 190 ҳ.қ./ 29 ноябри соли 805 дар синни 70 ё 77 солагӣ даргузашт, бинобар ин бояд соли 120 ҳ.қ./738 ё чандин сол зудтар ба дунё омада бошад. Ӯ бар хилофи падараш танҳо ба унвони ҳоким ва вазир фарқ мекард. Дар мавриди ҳеҷ яке аз амалиётҳои низомии ӯ чизе гузориш нашудааст» [13, 671]. Дар идома хулоса мекунад, ки дар давраи кӯтоҳи хилофати Ҳодӣ (785-786) зиндагии Яҳё ба унвони тарбиятгари Ҳорун, ки мехостанд ин меросбари хилофат аз тоҷу тахт даст кашад, дар хатар буд. Пас аз ба хилофат расидани Ҳорун, Яҳёи Бармакӣ, ки халифа ҳамеша ӯро «падар» меномид, бо ихтиёроти номаҳдуд вазир мансуб шуд ва муддати 17 сол (786-803) ҳамроҳ бо писаронаш Фазл ва Ҷаъфар дар умури хилофат ширкати калидӣ кард [13, 671].

Ба назари академик В.В.Бартолд аз ин ду писари зикршудаи Яҳё, писари калониаш Фазл (148 –муҳаррами 193 ҳ.қ.=765-66-октябр-ноябри 808) зоҳиран барҷастатар буд [13, 672]. Ин ховаршиноси маъруф мисле ки таваҷҷуҳе ба шахсияти Фазли Бармакӣ дорад, дар ҳар гузорише, ки аз Бармакиён сухан меронад, ҳатман аз Фазл зикри хайр мекунад.

Фазли Бармакӣ аз соли 176 ҳ.қ./792-93 то соли 180 ҳ.қ /796-97 волии сарзаминҳои густурдае буд, ки вилоятҳои Ҷибол, Табаристон, Дунбованд, Қумис ва муддате Арманистон ва Озарбойҷонро фаро мегирифт. Дар ин фосила аз соли 178 ҳ.қ/794-95-то 179 ҳ.қ./795-96 ҳокими Хуросон низ буд [13, 672]: «Дар мавриди идораи дохилӣ (Хуросон) бо

қазоват аз қавли муаррихон Абулаббос Фазл ибни Сулаймони Тусӣ (787-783) ва Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ бештарин талошро барои саодати кишвар анҷом доданд» [7, 261].

«Дар Мовароуннаҳр, -менависад В.В.Бартолд, -Фазли Бармакӣ бо муваффақият амал кард. Подшоҳи Усрушана (Хорохура) бо тавозуъ ба назди ӯ зоҳир шуд, ки қаблан ҳаргиз ба касе зоҳир нашуда буд ва дар баробари касе таслим набуд» [7, 260].

Солҳои 794-795 дар Бухоро ба ибтикори Фазли Бармакӣ масҷиди нави ҷомеъ байни Арк ва шаҳристон сохта шуд. Сабаби бинои ин масҷид ба қавли Наршахӣ дар он буд, ки чун теъдоди намозгузорон дар масҷиди сохтаи Қутайба ибни Муслим-фотеҳи Варорӯд, ки соли 94 ҳ.қ./712-713 бино карда буд, зиёд шуд ва мардум дар он нагунҷиданд, «миёни ҳисору шористон масҷиди ҷомеъ бино карданд» [3, 98] ва дар идома Наршахӣ зикр мекунад, ки «нахустин касе, ки моҳи Рамазон ба масҷидҳо қандилҳо фармуд, ин Фазл ибни Яҳёи Бармакӣ буд» [3, 98].

Таърихи бинои ин масҷидро Наршахӣ соли 154 ҳ.қ./770-771 гуфтааст [3, 98], ки иштибоҳ аст, зеро ин таърих ба солҳои ҳокимияти Фазл дар Хуросону Мовароуннаҳр мувофиқ нест. Ин бино соли 290 ҳ.қ./902-903 тавассути Исмоили Сомонӣ, ки манзилҳои ҳамшафати масҷидро барои густариши масоҳати он харидорӣ намуда буд, бозсозӣ гардида, масҷид ба андозаи қобили таваҷҷуҳе бузург шуд. Масҷид дар оғози ҳукумати Наср ибни Аҳмад (914-943) ду бор фурӯ рехт: бори аввал дар рӯзи намози ҷумъа, ки дар натиҷа бисёре аз мардум кушта шуд; ҳукумат дастур дод, то ин биноро бозсозӣ кунанд ва манораи он соли 306 ҳ.қ./918-919 бо харҷи вазир Абуабдуллоҳи Ҷайҳонӣ сохта шуд [3, 98-99; 6, 160].

Академик В.В.Бартолд бо такя ба ахбори Ибни Хурдодбеҳ ва Табарӣ аз амали шоистаи дигари Фазл - тақвияти гузаргоҳе дар минтақаи Рашти имрӯзи Тоҷикистон аз тохтутози туркон хабар медиҳад ва онро «Гузаргоҳи Фазл ибни Яҳё» ном мебарад: «Гузаргоҳи Фазл ибни Яҳё (волии Хуросон дар солҳои 794-795) дар ноҳияи Рашт дар ниҳояти ҷанубу шарқи мулкҳои мусулмонони Осиёи Миёна қарор дошт. Дар ин ҷо дараи танге буд, ки байни ду қаторкӯҳ воқеъ буд. Туркҳо аз тариқи он ҳамалоти худро ба манотиқи мусулмоннишин анҷом медоданд. Фазл ин гузаргоҳро тақвият кард» [16, 112].

Муҳаққиқ дар мақолаи зери унвони «Қаротегин» барои «Энсиклопедияи ислом» навишааш, аз ин муҳимоти низомӣ бо номи девор ёд мекунад: «Рашт дар он замон, яке аз манотиқи марзии ислом буд, бо деворе, ки Фазли Бармакӣ аз шарқ дар баробари ҳамалоти туркон сохта буд, муҳофизат мешуд» [9, 445].

Муҳаққиқ дар мақолааш зери унвони «Хазарҳо» бо такя ба ахбори Табарӣ аз ҳуҷуми охирини хазарҳо ба қаламрави хилофати Аббосӣ дар замони хилофати Ҳорунуррашид дар соли 183 ҳ.қ./799 ёд мекунад, ки сабаби ин ҳамла издивоҷи номуваффақи духтари шоҳи хазар бо Фазли Бармакӣ будааст [10, 598].

Академик В.В.Бартолд аз хисоли писари дигари Яҳёи Бармакӣ, Ҷаъфари Бармакӣ бардошти на чандон хубе дорад. Муҳаққиқ бо истифода аз ахбори нависанда ва мутакаллими араб Абуусмон Амр ибни Баҳр ал-Кинонӣ ал-Басрӣ маъруф ба ал-Ҷоҳиз (775-868), ки бо ҳаҷвиёт ва осори танзаш миёни ҳамзамонон шуҳрат ёфта буд, менависад: «Ҷаъфар, баъдҳо тавассути афсонаҳои омиёна маъруф шудааст, танҳо ба хотири хатти зебо, фасоҳат ва донишаш дар ситорашиносӣ (толеъбинӣ) тавсиф мешавад, Илова бар ин ӯ ҳамчун қонунгузори мӯд ёд шудааст, ба далели ин ки худаш гардани баланде дошт, гӯё гиребонҳои баландеро (дар пироҳанҳо) ҷорӣ карда буд» [13, 672].

В.В.Бартолд наздикии Ҷаъфар бо халифа Ҳорунуррашидро, ки ба падараш Яҳёи пир тамоманд писанд набуд, ошкоро чун разила ё тақсири маъруфи шарқӣ шарҳ дода, дар хулосааш аз шахсияти Ҷаъфари Бармакӣ менависад, ки Ҳорунуррашид ӯро чандин бор ба унвони фармондори вилоятҳои бузург мансуб кард, аммо Ҷаъфар ҳамеша тавассути

дастёрони хеш ин қаламравро идора мекард. Аз манобеи таърихӣ маълум нест, ки Ҷаъфар дар мақоми вазирӣ ифои вазифа карда ё корҳои сохтмониро анҷом додааст, аммо нишон аз нуфузи ӯ фақат ин аст, ки номаш дар сиккаҳои халифа зикр шудааст [13, 672].

Академик В.В.Бартолд ба ин назар аст, ки асоси аз корҳои хилофат дур кардани Бармакиён, ба зиндон андохтани Яҳё, Фазл ва дигар намояндагони хонадони Бармакӣ, қатли Ҷаъфари Бармакӣ ва, билохира, суқути онҳо аз муддатҳо қабл, дар дарозои вазоратдории онҳо дар тули 17 сол дар хилофати Ҳорунуррашид тарҳрезӣ шуда буд ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо тасмими ногаҳонии халифа иртибот надорад. Арзёбии комил намудан аз фаъолиятҳои Бармакиён, бартарӣ ва камбуди онҳоро дар умури идории хилофати Бағдод мушаххас кардан хеле душвор аст. Барои мисол, дар ривоятҳои таърихӣ онҳоро мусулмонони вораста ва мутадайин муаррифӣ мекунанд, барои ободкориҳояшон мавриди ситоиш қарор мегиранд, аз сӯи дигар мухолифон онҳоро ба далели бетафовутӣ нисбат ба ислом ва омӯзаҳои он сарзаниш менамоянд [13, 672-674].

Дар бораи нуфузи мутлақ доштани Бармакиён дар хилофати Ҳоруни Аббосӣ, ки ин матлабро манобеи таърихӣ ба такрор менависанд, академик В.В.Бартолд ба далели суқути фоҷеабори онҳо ба он шак дорад ва менависад: «маълум мешавад, ки Бармакиён аслан соҳибони мутлақи давлат набудаанд ва корҳои зиёде бар хилофи майли онҳо анҷом мешудааст» [12, 353-354]. Аммо чуноне ки зикр шуд, муҳаққиқ аз Бармакиён дар мақолаи «История Туркестана. Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах» ба унвони вазирони соҳибихтиёр (полновластные министры) ёд мекунад [8, 119].

Андешаи муаррихон дар мавриди асри Ҳорунуррашид ва Бармакиён, чуноне ки ба мо расидааст, -менависад В.В.Бартолд, - хеле дертар шакл гирифт ва зоҳиран дар ормонсозии маъмулии ривоятҳо дар бораи гузаштаи бо номҳои бузург алоқаманд, инъикос ёфтааст [12, 353].

Академик В.В. Бартолд дар нигоштаҳои хеш роҷеъ ба суқути Бармакиён матлаби мушаххасе ироа намекунад ва менависад, ки Бармакиён хидмати халифаҳои Аббосиро идома доданд, то ин ки қурбонии иртиҷои динӣ ва сиёсии солҳои охири ҳукмронии Ҳорунаррашид шуданд [11, 175]. Дар ин иртибот дар ҷойи дигар зикр мекунад, ки ин ҳақиқат аст, ки «Бармакиён на танҳо давлат балки худ ва аъзои хонаводаи худро ғанӣ карданд, ки ҷойи баҳси тарафдорони онҳо нест. Ба далоили возеҳ суннати таърихӣ дар шарқ ҳамеша ба нафъи «аҳли қалам» будааст. Аз ин рӯ Бармакиёнро низ, ки ғолибан бунёдгузорони ин табақа ба шумор меравнд, таърих ҳатто ҷудо аз достонҳое бо гароишҳои миллии форсӣ, то ҳудуде иғроқомез таъриф мекунад ва аз бархе ҷиноёти онҳо сукут меварзад. Бинобар ин набояд ба ин нукта аҳамияти зиёде дод, ки дар таърих салтанати Ҳорунуррашид беҳтарин замони хилофат шумурда мешавад ва бархе аз муаррихон меафзоянд, ки Ҳорун танҳо то замоне, ки Бармакиён бо ӯ буданд, ба хубӣ ҳукумат кард» [13, 674].

Бояд гуфт, ки давлатҳои асри миёнагӣ, ки дар асарҳои таърихнигорони дарбори онҳо давлатҳои ормонӣ тавсиф шудаанд, ба яқин чунин нестанд. Вазоратдории Бармакиён дар хилофати Ҳорунуррашид низ аз ин матлаб истисно намешавад. Аммо Бармакиён танҳо ба далоили «аҳли қалам» будан мақоми вазоратро тули 17 сол дар ихтиёр надоштанд, балки бо истеъдоди фавқулодаи идорӣ Яҳё ва писаронаш Фазлу Ҷаъфар дар дарбори Аббосиёнончунон нуфузеро касб карданд, ки ҳеҷ кас дар дастгоҳи хилофат бо онҳо рақобат ва ҳамчашмӣ кардан наметавонист. Ин воқеият дорад, ки баъд аз канор задани Бармакиён дар соли 803 аз корҳои хилофат, воқеан ҳам вазъи буҳронӣ дар қаламрави хилофати Бағдод падид омад, исёну шӯришҳо (ба хусус исёни Рофеъ ибни Лайс дар Самарқанд солҳои 806-810) пойдевори хилофатро ба ларза овард ва пас аз вафоти Ҳорунуррашид (24 марти соли 809) он ба авҷи аълои худ расид.

Дигар ин ки тамҷиду тавсифи Бармакиён асосан дар осори таърихнигорони баъдӣ сурат гирифт. Дар ин робита бо ду мисол мутаносибан аз Балъамӣ ва Ибни Халдун иктифо мекунем: «Ҳаргиз кас нагӯяд, ки андар ҷаҳон аз мулуки Аҷам ва хулафои ислом вазирӣ бо малике бад-он расид, ки Яҳё расид бар аҳли байти ӯ бо Рашид» [2, 1536]. «Бармакиён дар ҳамаи корҳо осори нек падид меоварданд. Сипас қудраташон афзун ва афзунтар шуд, чунон ки бар давлати Аббосӣ муставлӣ гаштанд ва ҳасади мухолифонро барангехтанд ва душманон аз ҳар сӯ забон ба сиоят гушуданд, то он ҷо ки Рашид аз Ҷаъфар сахт кина ба дил гирифт» [1, 408].

Хулоса, ховаршиноси маъруф, академик В.В.Бартолд дар нигоштаҳои худ аз Бармакиён чун вазоратдороне ёд мекунад, ки суннатҳои давлатдории Сосониёнро дар умури идории хилофати Бағдод эҳё карда, тули 17 сол дар умури идораи хилофати Ҳорунуррашиди Аббосӣ нақши калидӣ бозиданд.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун. Таърихи Ибни Халдун. Ҷ.2. Тарҷумаи А.Оятӣ. - Теҳрон, 1383 ҳ.ш. -966 с.*
2. *Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Ҷ.2. Бо муқаддима ва тавзеҳоти М.Умаров ва Ф.Бобоев. -Теҳрон, 1380 ҳ.ш./2001. -1632 с.*
3. *Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон Ғ.Ғоибов, К.Олимов ва Н.Амиршоҳӣ. - Душанбе: Пайванд, 2012. -736 с.*
4. *Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Нашри чаҳорум. Таҳияи. Х.Хатиб Роҳбар. Ҷ.1. Теҳрон: Маҳтоб, 1374.-391 с.*
5. *Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 7. Бо таҳрир, тасҳеҳи Н.Амиршоҳӣ. - Душанбе: Муассисаи давлатии сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2014. С.4465-5177.*
6. *Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Глава I. Географический очерк Мавереннахра // Сочинения. Т. I. - Москва: Наука, 1963. - С.114-237.*
7. *Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Глава II. Средняя Азия до XII века // Сочинения. Т. I. - Москва: Наука, 1963. - С.238-385.*
8. *Бартольд В.В. История Туркестана. Арабское завоевание и Туркестан при Саманидах / Сочинения. Т.II. Ч.I. - Москва: Наука, 1963. С.118-126.*
9. *Бартольд В.В. Статьи из «Энциклопедии ислама». Каратегин // Сочинения. Т.III. - Москва: Наука, 1965. - С.445-447.*
10. *Бартольд В.В. Статьи из «Энциклопедии ислама. Хазары // Сочинения. Т.V. - Москва: Наука, 1968. - С.597-601.*
11. *Бартольд В.В. Культура мусульманства. Персидская культура и ее влияние // Сочинения. Т.VI. - Москва: Наука, 1966. С.143-206.*
12. *Бартольд В.В. Статьи и рецензии. Карл Великий и Харун ар-Рашид // Сочинения. Т.VI. - Москва: Наука, 1966. - С.342-364.*
13. *Бартольд В.В. Статьи из «Энциклопедии ислама». Бармакиды // Сочинения. Т. VI. - Москва: Наука, 1966. - С.669-674.*
14. *Бартольд В.В. Статьи и рецензии. Персидская шу'убийя и современная наука // Сочинения. Т.VII. - Москва: Наука, 1966. - С.359-370.*
15. *Бартольд В.В. Статьи и рецензии. Рыцарство и городская жизнь в Персии при Сасанидах и при исламе // Сочинения. Т.VII. - Москва: Наука, 1966. - С.371-373.*
16. *Бартольд В.В. Статьи и рецензии. География ибн Са'ида // Сочинения. Т.VIII. - Москва: Наука, 1973. С.103-113.*
17. *Ғиёсуддин ибни Ҳумомуддин Хондамир. Таърихи Ҳабибу-с-сияр Ҷ.2. Нашри чаҳорум. - Теҳрон, 1380 ҳ.ш. -824 с.*
18. *Муҷмалу-т-таворих ва-л-қисас. Ба тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор - Теҳрон. 1318 ҳ.ш. -537 с.*
19. *Низамулмулк. Сиасет-наме / Перевод, введение в изучение памятника и примечания*

*профессора Б.Н.Заходера. - Москва-Ленинград: Из-во АН СССР, 1949.-379 с.*

**REFERENCES:**

**1.** *Abdurahmon ibn Muhammad ibn Haldun. The History of Ibn Haldun. V.2. Translated by A.Oyaty. - Tehran, 1383 -966 pp.*

**2.** *Abuali Muhammad ibn Muhammad Balami. Tabari's History. V.2. With introduction and explanation of M.Umarov and F.Boboev. -Tehran, 1380 ./2001. -1632 pp.*

**3.** *Abubakr Muhammad ibn Jafari Narshakhi. The History of Bukhara. Editors G.Goibov, K.Olimov and N.Amirshohi.. - Dushanbe: Payvand, 2012. -736 pp.*

**4.** *Avulfazl Muhammad ibn Husain Baihaki. The History of Bayhaki. The fourth edition. Edited by Kh.Khatib Rohbar. V.1. Tehran: Mahtob, 1374.-391 pp.*

**5.** *Avujafar Muhammad ibn Jariri Tabari. Tarikhu-r-rasuli va-l-muluk. Book 7. Ith edition and correction of N.Amirshohi. - Dushanbe: State establishment ofscientific editor-in-chief of tajik national encyclopedia, 2014. PP.4465-5177.*

**6.** *Bartold V.V. Turkestan in the Epoch of Mongol Invasion. Chapter 1. Geographical essay of Movarounnahr // Essay. V. I. - Moscow: Nauka, 1963. PP.114-237.*

**7.** *Bartold V.V. Turkestan in the Epoch of Mongol Invasion. Chapter II. Central Asia till XII century // Essay. V. I. Moscow: Nauka, 1963. PP.238-385.*

**8.** *Bartold V.V. The History of Turkestan. Arabic conquest and Turkestan under Samanids // Essay. V.II. Ch.I. - Moscow:Nauka, 1963. PP.118-126.*

**9.** *Bartold V.V. Articles from "Encyclopedia of Islam". karategin // Essay. V.III. - Moscow: Nauka, 1965. PP.445-447.*

**10.** *Bartold V.V. Articles from "Encyclopedia of Islam". Hazars // Essay. V.V. - Moscow: Nauka, 1968. PP.597-601.*

**11.** *Bartold V.V. Culture of Islam. Persian Culture and its Effect // Essay. V.VI. - Moscow: Nauka, 1966. PP.143-206.*

**12.** *Bartold V.V. Articles and Review. Great Karl and Harun-ar-Rashid. // Essay. V.VI. - Moscow: Nauka, 1966. PP.342-364.*

**13.** *Bartold V.V. Articles from "Encyclopedia of Islam". Barmakids // Essay. V. VI. - Moscow: Nauka, 1966. PP.669-674.*

**14.** *Bartold V.V. Articles and Reviews. Persian Shuubiya and Modern Science // Essay. V.VII. - Moscow: Nauka, 1966. PP.359-370.*

**15.** *Bartold V.V. Articles and Reviews. Knighthood and Urbanity in Persy under Samanids and Islam // Essay. V.VII. - Moscow: Nauka, 1966. PP.371-373.*

**16.** *Bartold V.V. Articles and Reviews. Geography of ibn Said // Essay. V.VIII. - Moscow: Nauka, 1973. PP.103-113.*

**17.** *Giyosiddin ibn Humomuddin Khondamir. The History of Habibu-s-Siyar V.2. The fourth edition. - Tehran, 1380 -824 pp.*

**18.** *Mujmalu-t-tavorikh va-l-qisas. With correction of Malikushuaro Bahor. - Tehran. 1318 -537pp.*

**19.** *Nizamulmulk. Siyaset-name. Translation, introduction into the study of monument and notes of academician B.N.Zakhader. – Moscow-Leningrad: Publishing House: AS USSR, 1949.-379 pp.*